# ШАРТҲОИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ «ИҚДОМИ БУЗУРГ АЗ ШИРКАТИ ФИЕСТА»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Шартҳои ташкил ва гузаронидани “Иқдоми бузург аз ширкати Фиеста» (минбаъд – иқдом) тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2002, №274 «Дар бораи Тартиби гузаронидани лотереяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиб дода шуда, тартиби гузаронидани иқдоми мазкурро ба танзим медарорад.

1.2. Ташкилкунанда ва гузаронандаи иқдоми мазкурь - ҶДММ “Равона” (минбаъд - Ташкилкунанда) суроға ш. Душанбе, н. Сино, кучаи Хусейнзода, хонаи 20 мебошад.

1.3. Иқдоми мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида мешавад.

1.4. Иқдоми мазкур бо мақсади рекламаи маҳсулоти «Фиеста», рушди фаъолият, сармоягузории барномаҳои мушаххаси соҳавӣ, расонидани кумаки моддию молӣ дар самтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, конеъ гардонидани талаботи харидорони фаъол бо роҳи пешниҳод намудани имконияти ба даст овардани мукофотҳо бо риоя намудани Шартҳои мазкур ба ҳисоб меравад.

## 2. ТАРТИБИ ИШТИРОК, ГУЗАРОНИДАН ВА ТУҲФАҲОИ ИҚДОМ

2.1. Иштирокчӣ шудан дар иқдом аз ҷониби шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродию шахсони ҳуқуқӣ бо тартиби зерин сурат мегирад:
1) аз ҷониби шахсони воқеӣ дар икдоми мазкур ҳангоми иҷрои амалҳои зерин муайян карда мешавад:

- дар сурати харидорӣ намудани нӯшокии газдори «Фиеста» 1л., бо маззаҳои махито, махито қулфинай, афлесун, себи сабз ё манго кокос, ки сарпӯши сурх дорад;
- рамзи махфии дар сарпӯш пайдо мекунад ва ба рақами кутоҳи 4664 SMS паемак мефиристад;
- рамзи дар ҷавоб гирифташуда то лаҳзаи гузаронидани бозӣ нигоҳ дошта мешавад.

2.3. Муайян намудани бурди иқдоми мазкур барои иштирокчии шахси воқеӣ бо ёрии рандомайзери тавасути сомонаи https://randomus.ru/list амалӣ карда шуда, рафти гузаронидани иқдом дар сомонаи Ташкилкунанда нашр карда мешавад.
2.4. Дар иқдом шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сини 18 солагӣ расидан иштирок карда метавонанд. Ба икдом шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ имкон доранд иштирок намоянд. Зимни иштирок дар икдом аз тарафи намоняндагони

Ташкилкунанда шартҳои иқдом ба иштирокчиён фаҳмонида дода мешавад. Дар иқдом иштирок намуда, иштирокчӣ тасдиқ менамояд, ки ба мазкур шинос шудааст ва ба шартҳои он розӣ мебошад.

2.5. Ҳангоми баргузор намудани бозии бурдҳои иқдоми мазкур ба шахсоне, ки ба талаботи шартҳои иқдом ҷавобгу нестанд, талаботи бандҳои Шартхои мазкурро вайрон кардаанд, роҳ дода намешаванд. Ташкилкунанда дар ҳолати шубҳа кардан аз иштирокчи нисбати шартҳои овардашуда ҳуқуқ доранд, ки дар муддати 30 (сӣ) рӯз санҷиш гузаронанда, ҳолати иштироки чунин шахсонро муайян намяд.

2.6. Дар иқдоми мазкур фонди мукофотии онро тӯҳфаҳои зерин ташкил медиҳанд, ки вобаста ба давраи гузарони иқдом ба иштирокчиёни бурднамуда супорида мешаванд:

| № | Номгуй | Миқдор дар тамоми муҳлати Иқдом | Миқдор дар моҳи май | Миқдор дар моҳи июн | Миқдор дар моҳи июл |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Электромобили BYD E2 | 10 дона | 2 дона | 2 дона | 6 дона |
| 2. | Телефон iPhone 16 Pro Max | 30 дона | 10 дона | 10 дона | 10 дона |
| 3. | Мошинаи ҷомашуи Samsung | 30 дона | 10 дона | 10 дона | 10 дона |
| 4. | Яхдони Samsung | 30 дона | 10 дона | 10 дона | 10 дона |
| 5. | Sony PlayStation 5 | 30 дона | 10 дона | 10 дона | 10 дона |
| 6. | Телевизор Samsung | 30 дона | 10 дона | 10 дона | 10 дона |
| 7. | Тафдонҳои мавҷии Samsung | 30 дона | 10 дона | 10 дона | 10 дона |

2.7. Ба бурд гузоштани тухфаҳои иқдом тибқи муҳлатҳои дар ҷадвлаи банди 2.6. пешбинишуда амалӣ карда мешавад, ки рафти он аз ҷониби Ташкилкунанда тавассути пешакӣ огоҳ намудани иштирокчиён аз ҷой ва тартиби баргузор намудан, тавассути SMS паёмак ва ё нашрии маълумот дар шабакаҳои иҷтимоии Ташкилкунанда, сурат мегирад.

2.8. Аз 1 май то 31 июли соли 2025 ҳар 2 ҳафта бозии ҷоизавӣ баргузор мешавад, ки дар он 5 дона iPhone 16 Pro Max, 5 дона PlayStation 5, 5 донаги телевизор ва тафдонҳои мавҷии Samsung бурд карда мешаванд. Дар охири моҳҳои май ва июн 2 электромобили BYD E2 ва 10 дона мошинаи ҷомашуи Samsung, 10 дона яхдонҳои Samsung ва инчунин 5 дона iPhone 16 Pro Max, 5 дона PlayStation 5, 5 донаги телевизор ва тафдонҳои мавҷии Samsung бурд карда мешаванд. Дар анҷоми иқдом бошад, ки охири моҳи июл мешавад 6 электромобили BYD E2 ва 10 дона мошинаи ҷомашуи Samsung, 10 дона яхдонҳои Samsung ва инчунин 5 дона iPhone 16 Pro Max, 5 дона PlayStation 5, 5 донаги телевизор ва тафдонҳои мавҷии Samsung бурд карда мешаванд.

2.9. Ҳангоми бурди шоҳҷоиза, яъне электромобил ба ғолиби ҷоиза дар пахши мустақим бо воситаи телефон 3 маротиба занг зада мешавад. Дар сурати ҷавоб надодан ва ё хомӯш будани телефон, муайян намудани ғолиби нави ҷоиза дар байни иштирокчиёни дигар такроран гузаронида мешавад.

2.10. Барои гирифтани мукофоти бурднамудаи худ иштирокчии иқдоми мазкур бояд маълумоти SMS паёмаки ба ӯ фиристодашуда оид ба иштирокчӣ шудан ва шиносномаи худро рӯзи баргузории бозии бурдҳои иқдом ба Ташкилкунанд пешниход менамояд.

2.11. Дурустии маълумоти SMS паёмаки пешниҳодшуда аз рӯи бурди ба он мувофиқомада аз ҷониби намояндагони дахлдори Ташкилкунандаи иқдом бо

маълумоти дар онҳо буда муқоиса карда шуда, баъдан тухфа супорида мешавад.

## 3. ФОНДИ МУКОФОТӢ, СУПОРИДАН ТУҲФАҲО ВА АНДОЗБАНДӢ

3.1. Фонди мукофотии иқдом – дороии Ташкилкунанда ба ҳисоб намеравад ва ба ғайр аз пардохт кардан ва ё додани бурдҳо ба иштирокчиёни иқдом ба дигар мақсадҳо набояд истифода бурда шаванд.
3.2. Дар ҳолати натиҷагирии мусбии комиссия, бурди мазкур ба Иштирокчии иқдом, ки бурдро дарёфт кардааст, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият супорида мешавад.
3.3. Маросими супоридани мукофотҳо дар суроғае, ки Ташкилкунанда тариқи смс паёмак ба иштирокчиён хабардор менамояд амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати ҳузур надоштани иштирокчӣ дар маросими супоридани мукофотҳо, иштирокчие, ки огоҳ аст метавонад мукофоти худро аз суроғаи ҷойгиршавии ҶДММ “Равона” ш. Душанбе, н. Сино, кучаи Хусейнзода, хонаи 20 дар муҳлати як моҳ аз лахзаи гузаронидани бозӣ дастрас намояд. Иштирокчии бурднамуда, ки рақами бурди он баромада аз бурд кардани мукофоти иқдом огаҳӣ наёфтааст, дар муҳлати мазкур аз ҷониби Ташкилкунанда тавассути телефонӣ ва смс паёмак огоҳ карда мешавад. Ҳангоми дар муҳлати мазкур тамос гирифта натавонистан ва ё огоҳ карда натавонистани иштирокчии бурднамуда аз ҷониби Ташкилкуннада, супоридани мукофоти он бекор карда шуда, мукофоти он ба ҳисоби Ташкилкунанда гузаронида мешавад.
3.4. Паҳн намудани маълумот дар бораи иштирокчиёни иқдом бе иҷозати онҳо манъ аст.
3.5. Дар сурати марг ва ё эътирофи корношоямии иштирокчии иқдом, ки купони ӯ дар ташхис қарор дорад, ҳуқуқи гирифтани бурд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи меросхуронии ширкаткунандаи иқдом амалӣ карда мешаванд.
3.6. Шикоятҳои дорандагони купонҳои иқдоми бурднок дар сурати вуҷуд доштани купон ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти даъвогар тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад ва дар муҳлати як ҳафта дида баромада мешавад.
3.7. Андозбандии бурдҳо мутобиқи талаботҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешаванд.

## 4. КАФОЛАТИ ҲУҚУҚҲОИ ИШТИРОКЧИЁН

4.1. Ташкилкунандаи иқдом ухдадор аст ба иштирокчиён ахбороти (маълумоти) зарурӣ ва саҳеҳро оид ба худ, аз ҷумла суроғаи ҳуқуқиро пешниҳод кунад, ҳамчунин ба маълумоти иштирокчиёни иқдоми мазкур шартҳои гузаронидани онро пешниҳод намояд.
4.2. Ба даст овардани id-кодхои иқдом, асос ба вуҷуд омадани ӯҳдадориҳои граждан́ӣ - ҳуқуқӣ мегардад. Дар сурати бурд намудани id-код, мувофиқи он иштирокчии иқдоми лотерея ҳуқуқ дорад аз Ташкилкунандаи иқдоми лотерея, пардохти бурди мувофиқомадаро талаб намояд.

4.3. Ҳангоми аз ҷониби Ташкилкунандаи иқдоми лотереявӣ рад кардани пардохти

бурде, ки ба ин id-код афтидааст, иштирокчии икдом ҳуқуқ дорад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд ва ё дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намояд.

4.4. Соҳиби id-коди иқдом ҳуқуқ дорад аз Ташкилкунандаи он махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳоро оид ба далели бурди ӯ дар иқдоми мазкур ва арзиши бурдро талаб намояд.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

5.1. Ташкилкунанда уҳдадор мешавад, ки баргузории ҷамъбасти бурди туҳфаҳои иқдомро бо расман ҷалб намудани намояндаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, аз натиҷаи гузаронидани иқдоми мазкур ба Вазорати молия ҳисобот пешниҳод намояд.

5.2. Назоратро аз болои иҷроиши шартҳои гузаронидани иқдоми мазкур, тартиби дуруст муқаррар ва пешниҳод кардани бурдҳо, саривақт ва пурра тақдим намудани туҳфаҳо ва риояи дигар муқарраротҳои шартҳои мазкур ва қонунгузории ҷорӣ ба зиммаи Ташкилкунанда гузошта мешавад.

5.3. Дигар талаботе, ки дар Шартҳои мазкур пешбинӣ карда нашудааст, тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

5.4. Ташкилкунанда барои риоя накардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи Шартҳои мазкур дар давраи гузаронидан ва ҷамъбасти лотереяи мазкур ҷавобгар мебошад.

5.5. Аз тарафи Ташкилкунанда, ташкил ва баргузор намудани фаъолияти дар Қоидаҳои гузаронидани лотереяҳои электронӣ, ки бо фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2021, №48 тасдиқ гардидааст, пешбинишуда ҳангоми мавҷуд будани яке аз аломатҳои зерин бояд қатъиян роҳ дода нашавад:

- гузаронидани бозиҳои қиморӣ дар шакли лотерея;
- гузаронидани лотереяҳо бо истифодаи таҷҳизоти бозиҳои казино, аз он ҷумла автоматҳои бозӣ;
- паҳн намудани (фурӯхтани) билетҳои лотерейи ғайритиражӣ бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ, телекоммуникатсионӣ, компюдерӣ ва дигар таҷҳизоти электронӣ;
- дар серверҳо истифода намудани расмиёти алгоритмҳои амалишавандае, ки пеш аз оғози бурди фонди мукофотӣ муайян намудани натиҷаи чунин бозиро имконият медиҳад.

5.6. Ташкилкунандаи иқдом, зимни анҷом додани фаъолият, бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом”-ро риоя намояд.

5.7. Ҳамаи баҳсҳои ба миёномада байни иштирокчиёни икдом ва Ташкилкунандаи иқдом тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи мувофиқаи тарафайн ҳал карда мешаванд. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳси бамиёномада аз ҷониби мақомоти судӣ баррасӣ карда мешавад.

5.8. Масъулияти риоя накардани талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳангоми ташкил ва гузаронидани иқдом ба зиммаи Ташкилкунанда вогузор карда мешавад.

5.9. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолиятҳое, ки ташкилкунанда ба роҳ монда ба талаботи шартҳои мазкур мутобиқ нест, масъул намебошад.

5.10. Иқдоми «Фиеста» аз 1 майи соли 2025 то 31июли соли 2025 ташкил ва баргузор карда мешавад.

Рохбари ҶДММ «Равона» Жумаева М. А